*УДК 329*
*DOI 10.24412/3005-849X-2024-4-14-21*

# *РОҶЕЪ БА РИСОЛАТИ ТАЪРИХИИ ҲАРАКАТИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ЭҲЁИ ТОҶИКИСТОН*

***Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна,*** *н.и.ф., унвонҷӯ (докторант)-и кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, Тоҷикистон)*

# *ОБ ИСТОРИЧЕСКОЙ МИССИИ ДВИЖЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА И ВОЗРОЖДЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА*

***Мустаджобова Рудоба Мукаррамшоевна,*** *канд. филол. наук, соискатель (докторант) кафедры политических процессов в Таджикистане философского факультета Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

# *ON THE HISTORICAL MISSION OF THE MOVEMENT OF NATIONAL UNITY AND REVIVAL OF TAJIKISTAN*

***Mustajobova Rudoba Mukarramshoevna,*** *candidate of Philology, an applicant (doctoral) of the department of political processes in Tajikistan, faculty of philosophyunder the National University of Tajikistan (Dushanbe, Tajikistan)*
***e-mail:*** *rudobaimukarram@mail.ru*

*Таҳқиқу баррасӣ ва арзёбии воқеъбинонаи таърихи пайдоиш, ташаккул ва фаъолияти Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон яке аз мавзӯъҳои мубрами илми ҷомеашиносию сиёсатшиносӣ ба ҳисоб рафта, омӯзиши илмии он ба бисёр паҳлӯҳои ҳаёти сиёсӣ, ҷамъиятӣ, ғоявӣ ва маънавии ҷумҳурӣ равшанӣ хоҳад андохт. Дар мақолаи мазкур масъалаи зарурати ташкили Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, сабабҳои обективию субективии ба роҳ мондани ин ниҳоди ҷамъиятию сиёсӣ ва нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин раванд мавриди баррасӣ ва таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Дар ин мақола таҳлили нақш ва мақоми Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар кори ба даст овардани сулҳ ва ризоияти ҷомеаи тоҷик, роҳҳои минбаъд ҳам баланд бардоштани нақши ин ниҳод дар таҳкими пояҳои давлатдории тоҷик, ҳувияти миллӣ ва меҳанпарастӣ мавқеи хосса касб намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҳаркати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Президент, ваҳдати миллӣ, сулҳ, давлатдории миллӣ, ниҳодҳои ҷамъиятӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, арзишҳои миллӣ*

*Предметом рассмотрения является необходимость организации Движения национального единства и возрождения Таджикистана, объективные и субъективные причины создания данного общественно-политического института и роль Президента Эмомали Рахмона в этом процессе. Отмечено, что исследование и объективная оценка истории зарождения, становления и деятельности Движения национального единства и возрождения Таджикистана представляется одной из важных тем для разработки социологами и политологами, так как проливает свет на многие аспекты политической, общественной, идеологической и духовной жизни республики. Анализируются роль и место Движения национального единства и возрождения Таджикистана в достижении мира и согласия в таджикском обществе, предложены пути дальнейшего повышения его роли в укреплении основ таджикской государственности, национального самосознания и патриотизм.*

***Ключевые слова:*** *Движение национального единства и возрождения Таджикистана, Президент, национальное единство, мир, национальная государственность,*

*государственные институты, гражданское общество, политические партии, национальные ценности*

*The subject of consideration is the importance of organization of the Movement of National Unity and Revival of Tajikistan, the objective and subjective reasons for the creation of this socio-political institution and the role of President Emomali Rahmon in this process. It is noted that the study and objective assessment of the history of the origin, formation and activities of the Movement of National Unity and Revival of Tajikistan seems to be one of the important topics for its development by sociologists and political scientists, as it highlights on many aspects of the political, social, ideological and spiritual life of the republic. The role and place of the Movement of National Unity and Revival of Tajikistan in achieving peace and harmony in Tajik society are analyzed, and ways are proposed for further enhancing its role in strengthening the foundations of Tajik statehood, national self-awareness and patriotism.*

**Key-words:** *Movement of National Unity and Revival of Tajikistan, President, national unity, peace, national agency, state institutions, public assembly, civil society, political parties, national values*

Ташаккулёбии давлатдории миллӣ ва шаклгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба фаъолияти институтҳо ва ниҳодҳои ҷамъиятиву сиёсӣ вобастагии калон дорад. Дар замони нав, ки падидаҳо, равандҳо, муносибатҳо, ғояҳо ва усулҳо дар умури сиёсии дохилӣ ва берунии кишварҳо тағйир ёфта истодаанд, вуҷуд доштани ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва азҳоби сиёсие, ки фаъолияти худро дар доираи қонун ва ба хотири манфиати давлату халқ анҷом медиҳанд, кафили амнияту субот ва истеҳкоме дар муқобили падидаҳои манфии мавҷуда аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва тайъ намудани марҳилаҳои душвору сарнавиштсоз роҳу равиши давлатдорӣ, сиёсати дохиливу хориҷӣ ва муносибат бо ниҳодҳои сиёсиву ҷамъиятиро муайян намуд. Қонунгузории кишвар бо назардошти принсипҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ барои фаъолияти институтҳои ҷаъмиятӣ ва созмону ташкилотҳои сиёсӣ шароити мусоидро фароҳам овард. Ҳамин буд, ки дар марҳилаи кӯтоҳи таърихӣ дар кишвар як қатор ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва институтҳои иҷтимоӣ таъсис ёфта, фаъолиятро ба роҳ монаданд.

Яке аз дастовардҳои муҳим ва пояи қавии ваҳдати миллии тоҷикон таъсиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар соли 1997 бо саъю кушиш ва пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки он дар сафҳои хеш ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаю муассисаҳо, намояндагони касбу кори гуногун ва қишрҳои мухталифи ҷомеаро муттаҳид кардааст. Дар фазои сиёсии имрӯзаи кишвар Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон ягона ниҳоди сиёсиву ҷамъиятиест, ки новобаста аз мансубияти нажодӣ, динӣ ва ҳадафҳои сиёсӣ, тамоми ҳизбу ҳаракатҳо, ташкилоту муассиса ва созмону гурӯҳҳое, ки фаъолияташон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст, дар меҳвари ғояи иттиҳоду ҳамдилӣ ва ваҳдату сулҳ гирд овардааст. [4, 83]

Нақшу мақом, рисолату вазифа ва ҳадафу дурнамои фаъолияти дирӯз ва имрӯзаи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, ки аз рӯзи аввали таъсисаш роҳбариву сарварии онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар дӯш доранд, бар ҳифзу ҳимояи арзишу муқаддасоти миллӣ ва таҳкиму ташаккули пояҳои давлатдории навини кишвар нигаронида шудааст. Ҳадафи ниҳоии Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон аз ташвиқи сиёсати ваҳдатгароёнаи Пешвои миллат, ба дараҷоти ғояи муқаддас расонидани андешаи Ваҳдати миллӣ, тарғиби донишу маърифат, хираду ҷаҳонбинӣ,

мубориза бо ҷаҳолату таассуб, хурофоту ифрот ва дар ниҳоят ташаккули ҳувияти миллӣ ва бунёди ҷомеаи хирадсолору ваҳдатгаро иборат аст.

Бояд қайд намуд, ки бартарияти фаъолияти Ҳаракат нисбат ба дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз он иборат аст, ки намояндагони Кумитаи марказии он дар ҳамкорӣ бо шуроҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ бо ҷалби афроди саршинос, мунтазам вохӯриҳо оид ба масъалаҳои мубрами ҷомеа баргузор мекунанд. Ин иқдомҳо натанҳо тафаккури ҷомеаро дар тарғиби арзишҳои ахлоқӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ такон медиҳад, балки барои тақвияти муносибатҳои ҷамъиятиву сиёсии давраи гузариш низ мусоидат мекунад. Муҳимтарин нақши Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи кишвар дар табдилу тақвияти муносибатҳои ҷамъиятиву сиёсии замони гузариш он аст, ки он пеш аз ҳама, ба эҳёи афкор, андеша, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ, ифтихори миллӣ ва сидқу муҳаббат нисбат ба давлату миллат диққат медиҳад.

Чунин ҳадафҳоро аъзои Ҳаракат бо гузаронидани суҳбату вохӯриҳо бо сокинони дурдасттарин манотиқи кишвар, ташкили маҳфилҳо, мизҳои мудаввар, конференсияҳои илмиву амалӣ, нашри китобу маҷмуаҳо ва ҳамкории зич бо ҳама ниҳодҳои сиёсии кишвар амалӣ менамоянд.

Бояд гуфт, ки бо дастгирӣ ва ҳидоятҳои Раиси Ҳаракат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон сол то сол вусъат ёфта, сафи аъзои Ҳаракат ба марзи 3 миллион нафар наздик шудааст. Ин ташкилот дар муддати фаъолияти хеш тавонист бо Сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таҳкими Ваҳдати миллӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, ташкилоти ҷамъиятию мақомоти давлатӣ ба хотири ҳифзи сулҳу амният, таъмини зиндагии шоистаи мардум ва рушди соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат корҳои шоёнеро анҷом диҳад.

Агар ба таърихи таъсисёбии ин ниҳод назари кӯтоҳе андохта шавад, зарурати ташкил шудани Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар он рӯзҳои пурэҳтирос ва фоҷеабор ба сароҳат возеҳ мегардад. Муаррихи номвар, профессор Ваҳҳоб Набиев дар асарҳои сершумори хеш заминаи таъсисёбӣ ва пешомадҳои ин ниҳоди ҷамъиятию сиёсиро ба таври барҷаста таҷассум намуда, аз ҷумла қайд менамояд, ки “дар арафаи имзо намудани Созишномаи барқарории сулҳ ва ризоияти миллӣ як гурӯҳ ходимони давлатӣ, илмку фарҳанг, собиқадорони ҷангу меҳнат, роҳбарони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо иқдоми нек – ташкил намудани “Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон” баромад намуданд. 20-уми июни соли 1997 дар толори Маркази тадқиқоти стратегӣ ҷаласаи комитети тадорукотии Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон барпо гардид... 23 июни соли 1997 дар ҷаласаи навбатии Шӯрои ҷамъиятӣ, ки таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон гузашт, ҳуҷҷати муҳим “Принсипҳои асосии консепсияи ризоияти ҷомеа дар Тоҷикистон” қаубл гардид ва аъзоёни Шуои ҷамъиятӣ таъсис додани Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистонро тарафдорӣ намуданд” [7, 7-8].

Пас аз имзо шудани “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ”, ки 27 июни соли 1997 дар Маскав сурат гирифт, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карданд, ки барои ҳифзи сулҳи тоҷикон, тарғиби ғояҳои ягонагӣ, худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ ниҳоди наве таъсис дода шавад. Баъди 22 рӯзи ба имзо расидани “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ”, аниқтараш 18-уми июли соли 1997 нахустин бор Маҷлиси муассисони ин ташкилоти тозабунёд, бо иштироки беш аз 600 нафар, дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гардид. Дар ин ҷамъомад ҳама якдилона Эмомалӣ Раҳмонро ба вазифаи Раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон интихоб карданд, ки то кунун сарварии онро ба зимма доранд. Маҳз дар ҳамин ҷаласа Оинннома ва Низомномаи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон қабул ва тасдиқ шуд. [2, 17]

Бояд гуфт, ки бунёдгузор ва муассиси созмони ҷамъиятии Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон маҳз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Бо таваҷҷуҳу дастгириҳои Раиси Ҳаракат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаҳои пас аз таъсис сохтори ниҳод такмил ёфт ва он ба ниҳоди пурқудрати идеологӣ табдил ёфт. Аз ҷумла, Роҳбари давлат дар суханронии худ ба муносибати 10-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ дар хусуси таъсиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ чунин андешаҳоро баён намуда буданд, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва таҳкими давлатдории муосири тоҷик муҳим мебошанд: "Дар раванди татбиқи тадбирҳои пешбиникардаи Созишномаи сулҳ яқин гашт, ки барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва амалӣ гардонидани ормонҳои сулҳу субот ҳамаи неруҳои ватандӯсту ватанпарвар, ҳизбҳои сиёсиву иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ ба ҳам муттаҳид карда шаванд. Дар ин замина зарурате пеш омад, ки дар баробари Шурои ҷамъиятӣ як ташкилоти умумихалқӣ, ки доираи ҳарчи васеътари мардумро фаро гирад, таъсис дода шавад. Ин корро мо дар шакли Ҳаракати умумихалқии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон анҷом додем" [1]. Аз ин нигоҳ метавон гуфт, ки Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон зода ва парвардаи замони истиқлол аст.

Мақсад аз таъсиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, пеш аз ҳама, равона кардани ҳадафҳои ташкилоту ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва ашхоси алоҳида ба самти ваҳдатгароӣ, тарғиби фарҳанги сулҳ ва ғояҳои умумимиллӣ, мустаҳкам намудани пояҳои ваҳдати миллӣ ва сулҳи навбадастомада ба ҳисоб мерафт.

Агар ба таърихи фаъолияти ин ниҳоди ҷамъиятӣ дар зарфи 27 сол назар андозем, мебинем, ки муҳимтарин нақши Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар табдилу тақвияти муносибатҳои ҷамъиятиву сиёсии замони гузариш маҳз аз вақти ба вуқуъ пайвастани Конференсияи дуюми он сурат гирифт. Аз он давра тамоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли фаъолият, Оиннома ва Барномаи Ҳаракатро, ки дар анҷумани сеюми он 18 июли соли 2007 тасдиқ шудааст, эътироф намуда, ҳамкориҳоро тибқи он ба роҳ мемонанд. Принсипҳои асосии фаъолияти Ҳаракат ихтиёрӣ, худидоракунӣ, волоияти қонун, ошкорбаёнӣ ва дастҷамъӣ мебошад.

Дар асоси Оиннома ва Барномаи қабулгардида Ҳаракат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилоту иттиҳодияҳои байналмилаливу хориҷӣ ва дигар бунёду ҳаракатҳо ҳамкорӣ карда метавонад. Ҳадафи асосии Ҳаракат муттаҳид сохтани табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва неруҳои сиёсии Тоҷикистон дар истиқрори сулҳу суботи доимӣ, боварии тарафайн, ризоияти шаҳрвандӣ, аз бухронҳои гуногун раҳо додани ҷомеа, таҳкими якпорчагии давлат, ҳамгироӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, таҳкиму ривоҷи демократия ва комёб шудан ба риояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд мебошад. [8, 5-6]

Дар асоси принсипҳои башардӯстона Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон бо ҳар гуна шаклҳои поймолкунии ҳуқуқ мухолиф мебошад. Ғояи асосии ин ниҳод мутобиқи Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда таъмини кафолатҳо ва баробарии сиёсию иҷтимоӣ барои миллату халқиятҳои сокини кишвар ба шумор меравад. Ҳаракат бо мақсади тақвияти иттиҳоду ҳамбастагӣ Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (СММ, соли 1948) ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ҷонибдорӣ намуда, дастгирии фаъолияти ташкилот ва ҳизбу ҳаракатҳоро дар мавриди ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои оинномавиашон, ки хилофи манфиатҳои миллӣ нестанд, дастгирӣ мекунад. Мароми асосии Ҳаракат таҳкиму ташаккули афкори ҷамъиятию сиёсӣ, тариқи аъзои дастҷамъӣ ва инфиродӣ иштирок дар кори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, баргузории чорабиниҳо ва иқдомҳои гуногун, ки ба боварӣ, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни миллату халқиятҳо, минтақаҳо ва халқҳои сокини Тоҷикистон равона гардидаанд, ба ҳисоб меравад. [8, 11-12]

Мақоми олии Ҳаракат Анҷуман буда, на камтар аз як маротиба дар панҷ сол бо иштироки бевоситаи Раиси Ҳаракат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ширкати аъзои Кумитаи иҷроия ва Шурои куҳансолон, инчунин шуроҳои вилоятиву ноҳиявӣ баргузор мегардад. Дар рафти баргузории Анҷуман Оиннома ва Барномаи Ҳаракат таҳия ва тасдиқ шуда, ба онҳо тағйиру иловаҳо ворид мешаванд. Дар Анҷуман бо пешниҳоди Раиси Ҳаракат муовини аввал ва муовинони ӯ, раиси Кумитаи иҷроия, раиси Шурои куҳансолон ва раиси Комиссияи назоратӣ интихоб мешаванд ва қарорҳои Анҷуман бо аксарияти овози вакилони ҳузурдошта қабул мегарданд. [12, 6]

Дар асоси талаботи Оиннома Шурои Марказии Ҳаракат мақоми машваратӣ ва ҳамоҳангсоз мебошад. Ҷаласаи Шурои Марказии Ҳаракат дар мавриди зарурат аз тарафи Раиси Шурои Марказии Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон даъват карда мешавад. Ҷаласа дар сурате ваколатдор ҳисобида мешавад, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи аъзоёнаш иштирок дошта бошанд. Шурои Марказии Ҳаракат масъалаи ба ҳайси аъзои шуроҳои Ҳаракат шомил шудани афродро баррасӣ карда, хулосаҳо мебарорад, инчунин асноди меъёриро таҳия ва тасдиқ менамояд ва гурӯҳҳои таҳқиқотию таҳлилӣ ва кумитаҳоро таъсис дода, оид ба масъалаҳо дар доираи салоҳияти худ ба мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳоро таҳия ва манзур менамояд. Хамзамон, Шурои Марказии Ҳаракат муассисаҳои табъу нашр ва дигар корхонаҳои тобеи Ҳаракатро таъсис дода, роҳбарони онро таъин мекунад ва бо созмонҳои ҷамъиятию сиёсӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ва хориҷ аз он ҳамкорӣ намуда, тартиби кори Шурои Марказии Ҳаракатро муайян ва масъалаҳои фаъолияти ҷории Ҳаракатро ҳаллу фасл менамояд. [12, 30]

Кумитаи иҷроияи Ҳаракат бошад ҳамоҳангсозии кори иштирокчиёни Ҳаракатро дар давраи байни Анҷуманҳо таъмин намуда, татбиқи қарорҳои Анҷуманро таъмин ва ташкили фаъолияти муассисаҳо ва корхонаҳои Ҳаракатро назорат мекунад. Инчунин, маҷлисҳои Шурои Марказии Ҳаракатро омода месозад. Ба кори Кумитаи иҷроия раиси Кумитаи иҷроия ва дар вақти набудани ӯ муовинаш роҳбарӣ мекунад.

Дар марҳилаи имрӯз фаъолияти Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон бештар ба тарғибу ташвиқи идеологияи давлатӣ ва арзишҳои миллӣ нигаронида шудааст. Инчунин, Ҳаракат дар фаъолияти хеш рафти иҷрои нақшаву дурнамоҳо, ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ, қарору қонунҳои қабулшуда ва дар умум, сиёсати давлатиро дар ҳама соҳаҳо зери назар қарор дода, амалишавии онҳоро мавриди пайгирӣ қарор медиҳад. Дар чорабиниҳои таблиғотиву ташвиқотӣ ва таҳлилии Ҳаракат мавзуъҳои болозикр мавқеи муҳимро касб намудаанд.

Дар амалӣ гардидани ҳадафҳои созандаи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон нақши рӯзномаи "Ваҳдат" ва дигар нашрияҳои минтақавии ин ниҳод бениҳоят бузург аст. Матолибе, ки дар саҳифаҳои нашрияи "Ваҳдат" рӯйи чоп меоянд, ғояҳои суботу оромӣ, инсондӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, фарҳанг ва маънавиётро тарғиб намуда, дар умум, ҳадафи асосии Ҳаракат – тақвияти Ваҳдати миллиро самт мебахшанд. Нашрияи "Ваҳдат" бо гузаронидани маҳфилу озмунҳои шеър, нашри мақолаҳои пурарзиши илмиву публитсистӣ ва татбиқи сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ғояи муқаддаси ваҳдату инсондӯстиро ҷузъи таркибии хиради сулҳҷуёнаву таҳаммулгароёнаи мардуми ҷумҳурӣ арзёбӣ намуда, дар таҳким бахшидани равандҳои демократикунонии ҷомеа нақши муассир гузошт.

Бо рушди технологияи иттилоотӣ ва фароҳам омадани шароиту имкониятҳои нав сохторҳои иттилоотии Ҳаракат низ тақвият ёфтанд. Аз ҷумла, ба хотири таъмини фаврият ва фарогирии бештар фаъолияти ҳамарӯзаи Ҳаракат дар саҳифаи “Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон” дар шабакаи иҷтимоии “Фейсбук” бо нашри муҳимтарин хабарҳо ва ролику видеоҳо бозтоб меёбанд.

Илова ба ин, ҳар сол ба нашр расонидани силсилакитоби "Ваҳдат, Давлат, Президент" аз ҷониби Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон намуна ё далели дигари нақши муҳимми ин ниҳод дар устувор намудани паҳлӯҳо ва ҷанбаҳои илмии раванди расидан ба сулҳ ва тақвияти Ваҳдати миллӣ ба ҳисоб меравад. То имрӯз силсилакитоби мазкур дар 35 ҷилд нашр гардида, дастраси хонандагон гардидааст. Матолибе, ки дар китоби «Ваҳдат, Давлат, Президент» нашр мешаванд, маҷмуаи мақолаҳои зиёиёни соҳибандешест, ки талош барои саодатмандии ҷомеа доранд ва хонандаро барои дарки ҳастӣ, муваффақ шудан ва расидан ба зиндагии беҳтар дар доираи таҳлилҳои илмӣ–сиёсӣ роҳнамоӣ месозанд.

Маводи китоби мазкур ба баррасии нақши фард дар зиндагии сиёсӣ, нақши шахсияти Президенти кишвар дар рушди давлатдории миллӣ ва саҳми ӯ дар бобати ба эътидол овардани вазъи сиёсию иқтисодии мамлакат пардохта, масъалаҳое монанди миллат, қавмият, ҳувият, сифатҳои роҳбарӣ, давлат, Паёми Президент ва саҳми Пешвои миллат дар рушди иқтисодиёти иҷтимоиёти кишвар, ваҳдати миллӣ ва паёмадҳои он, истиқлолияти давлатӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, худшиносии миллӣ ва амсоли инҳо мавриди таҳлилу омӯзиш қарор мегиранд. Хусусияти фарқкунандаи китоби мазкур боз дар он зоҳир мегардад, ки дар он мақолаҳое ҷамъоварӣ шудаанд, ки аз ҷониби беҳтарин сиёсатмадорон, олимону коршиносони маъруф, таърихнигорону файласуфон, забоншиносону адабиётшиносони шинохтаи кишвар таълиф ёфта, ба муҳимтарину мубрамтарин масоили рӯз бахшида шудаанд. Бештари мақолаҳо ба муайян намудани ҷойгоҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ихтисос ёфта, аз нигоҳи таърихӣ нақши ин шахсияти нотакрор барои миллатро муаррифӣ менамоянд.

Истиқлоли давлатӣ ба мо имконият дод, ки ғояи ваҳдатро парчами миллат кунем ва ба бунёди кохи ваҳдати воқеӣ ва ҷовидонаи миллат шуруъ намоем. Ин чунин маънӣ дорад, ки мо бояд Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллиро баробар қадр кунем. Онҳоро чун муқаддасоти олӣ ҳифз намоем ва ҳеч гоҳ фаромӯш накунем, ки пояи давлати мо бар ҳамин арзишҳо асос ёфтаанд. Ваҳдати миллӣ ин тазоҳури ормонҳои ҳазорон нафар насли ташнаи зиндагӣ, ташнаи умед ва ташнаи ҳаёт аст, ки имрӯз бо ана ҳамон орзуҳои норасида зери хок хуфтаанд. Ваҳдат барои халқи мо неъмати гаронқимат, арзиши муқаддас, рамзи ҳувияту худогоҳӣ ва кафили бақои давлату давлатдорӣ ва саодати насли оянда ба шумор меравад. [4, 84].

Зикри ин нукта бисёр муҳим аст, ки таваҷҷуҳ ба арзиши ҳаётӣ ва волои Ваҳдат дар замони ноорому носолим возеҳтару амиқтар ба назар мерасад. Масалан, дар солҳое, ки кишварамон дар оташи ҷанги даҳшатбори шаҳрвандӣ месӯхт, барои халқ Ваҳдати миллӣ ягона ормону омили наҷот маънидод мешуд ва арзиши олиро соҳиб буд. Ҳоло ҳам мо вазифадорем, ки ба Ваҳдати миллӣ ҳамон арзиши олиро қоил бошем.

Шинохт ва тафсири мафҳуми “Ваҳдати миллӣ” дар айни замон ба ду шева: яке маҳдуд, ки Ваҳдатро ба “Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ” марбут медонанд ва дуюм шинохти васеъ, ки ғояву омоли Ваҳдатро чун меҳварсутуни давлатдорӣ унвон медиҳад, сурат мегирад. Албатта, шинохти дуюм саҳеҳтар аст, зеро имрӯз арзишу мақом ва нақшу аҳаммияти Ваҳдати миллӣ фаротар аз Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҷойгоҳ пайдо кардааст. [4, 86].

Асри XXI оғози марҳилаи нави таърихи инсоният аст, ки дар он равандҳои ҷаҳонишавӣ торафт вусъат ёфта, мавқеи арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои таърихии кишварҳои аз ин маҷро берунмондаро танг менамояд. Инро бояд ба назар гирем, ки дар раванди ташаккулу таҳаввули давлатдорӣ ва миллатсозӣ ин қоида роиҷ аст: ҳар давлату миллате, ки қудрату иқтидор мегирад, душманони иртиҷоӣ ва рақибони пасипардагӣ пайдо мекунад. Имрӯз рақибону душманони миллати мо кам нестанд ва барои халал ворид намудан ба раванди ташаккули давлатдории миллиямон монеагузорӣ кардан мехоҳанд. Ин қудратҳои

пасипардагӣ роҳи осони муборизаро дар мағзшӯйии ҳамватанонамон ва бар муқобили давлату Ҳукумат шӯронидани онҳо дидаанд.

Он ҳамватаноне, ки аз хориҷ истода, ноогоҳона ва муғризона вазъи кишварро баҳо медиҳанд, дар асл абзору василаи амалишавии ҳадафи нопоки хоҷагоне ҳастанд, ки аз ошкор шуданашон сари тарс доранд. Дар ин шароит роҳи муассир ва самарабахши мубориза бо ин қабил гурӯҳҳо ин ташаккули шуури худогоҳии омма, тарбияи насли нав дар руҳияи хештаншиносӣ, тафохури миллӣ, садоқат ба халқу меҳан мебошад, ки аз ҳадафҳои усулии Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар чунин вазъият ҳар як узви Ҳаракат вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд, ватандӯст бошад, барои дӯстии халқҳо, рушду нумуъ ва обрӯю нуфузи Ҳаракат дар ҷамъият талош варзад.

Ҳоло барои вусъат бахшидани фаъолияти ин ниҳод дар тамоми вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, маҳаллаҳо ва аксари субъектҳои хоҷагидор, хулоса дар саросари мамлакат шуроҳои минтақавии Ҳаракат ташкил ёфтанду то ба имрӯз барои амалӣ гардидани ғояҳои ин ниҳоди бонуфуз талошҳои бедареғ меварзанд.

Мусаллам аст, ки ваҳдат ва ҳамгироии мардум шарти муҳимми ташаккул ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Дар давлатҳои миллӣ, ки Тоҷикистони мо низ ба ин қатор шомил мешавад, асоси поянда нигоҳ доштани Истиқлоли давлатӣ ва шаклгирии муносибатҳои миллӣ ваҳдат маҳсуб мешавад. Ваҳдати миллӣ ва пос доштану таҳкими он, ки ҳадаф ва мақсади асосии Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ягона роҳест, ки мардумро ҷониби созандагӣ, бунёдкорӣ, саодату хушбахтӣ ва ояндаи дурахшон раҳнамун хоҳад кард.

Вазъияти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар аз он далолат мекунад, ки Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистааст ҷиҳати таҳкими Ваҳдати миллӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, ташкилоти ҷамъиятию мақомоти давлатӣ ба хотири ҳифзи сулҳу амният, таъмини зиндагии шоистаи мардум ва рушди соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат корҳои шоёнеро анҷом диҳад.

Метавон ба ин хулоса расид, ки Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар таққиму ташаккули давлатдории навини кишвар алаккай нақши сазовору муносибе аз худ боқӣ гузошта, ин рисолатро дар оянда низ идома хоҳад дод.

### *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими таҷлили Рӯзи ваҳдати миллӣ дар шаҳри Кӯлоб, 25 июни соли 2008 // Ваҳдат.- 2008.- №14.- июл.*
2. *Ваҳдат, Давлат, Президент. - Ҷилди VIII: Ҷашнномаи Рӯдакӣ, назария ва амалияи Ваҳдати миллӣ. – Душанбе: Дониш, 2008. – 328 с.*
3. *Ваҳдат, Давлат, Президент.- Ҷилди XXVI. – Душанбе: Илм, 2016. – 280 с.*
4. *Мустаҷобова Р. Нақши Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ // Ваҳдат, Давлат, Президент. - Ҷилди XXXV. – Душанбе: Ирфон, 2024. – С. 83-88.*
5. *Набиев В.М. Ваҳдат – ганҷи ҷовидони миллат / Набиев В.М. – Хуҷанд: Ношир, 2012. – 396 с.*
6. *Набиев В.М. Ваҳдат – мароми олии миллат / Набиев В.М. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – 400 с.*
7. *Набиев В. Ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятии Тоҷикистони соҳибистиқлол / Набиев В. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2000. – 472 с.*
8. *Оиннома ва барномаи Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон. – Душанбе: Кохи Ваҳдат, 2007. – 16 с.*

*9. Раванди ваҳдат ва назарияи он. Китоби якум. – Душанбе: Илм, 2013. – 350 с.*
*10. Раванди ваҳдат ва назарияи он. Китоби дуюм. – Душанбе: Илм, 2013. – 338 с.*
*11. Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон / Мураттибон Д. Давлатов ва В. Набиев. – Душанбе: Шарқи озод, 1997. – 58 с.*
*12. Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон: Оиннома ва барнома. – Душанбе: Шарқи озод, 2007. – 56 с.*

**REFERENCES:**

1. *The Speech of the President of Tajikistan Republic Emomali Rahmon in Celebration of the Day of National Unity in Kulob town, June 25, 2008 // Vahdat.- 2008.- №14.- July.*
2. *Unity, State, President.- Volume VIII: Celebration of Rudaki, theory and practice of National Unity.- Dushanbe: Donish, 2008.- 328 pp.*
3. *Unity, State, President.- Volume XXVI.- Dushanbe: Ilm, 2016.-280 pp.*
4. *Mustajobova R. The Role of the Movement of National Unity and Renaissance of Tajikistan in Strengthening of National Statehood // Unity, State, President.- Volume XXXV.- Dushanbe: Irfon, 2024.- PP. 83-88.*
5. *Nabiev V.M. Unity – Nation's Eternal Treasure. - Khujand: Noshir, 2012.- 396 pp.*
6. *Nabiev V.M. Unity – the Great Aim of the Nation.- Khujand: Nuri ma'rifat, 2017.- 400 pp.*
7. *Nabiev V.M. Political Parties and Social Movements of Independent Tajikistan.- Khujand: Nuri ma'rifat, 2000.- 472 pp.*
8. *Charter and Program of Social Movements of National Unity and Renaissance of Tajikistan.- Dushanbe: Kokhi Vahdat, 2007.- 16 pp.*
9. *Unity Process and its Theory. The first book. - Dushanbe: Ilm, 2013.- 350 pp.*
10. *Unity Process and its Theory. The second book. - Dushanbe: Ilm, 2013.- 338 pp.*
11. *National Unity Movement and Renaissance of Tajikistan / Editors: D.Davlatov and V.Nabiev.- Dushanbe: Sharki ozod, 1997.- 58 pp.*
12. *National Unity Movement and Renaissance of Tajikistan: Charter and Program.- Dushanbe: Sharki ozod, 2007.- 56 pp.*